**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи илмии Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзӯи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ”(дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ).**

Рисолаи доктори фалсафа **“Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ”(дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”)** ба мавзӯи хеле муҳим маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ бахшида шудааст. Зиндагинома ва масоили марбут ба эҷодиёти ин суханвари бузург дар рисолаю пажӯҳишҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба таври густурда ва муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Вале маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ аввлин бор дар шакли рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ интихоб шудааст, ки мо бовар дорем ба бисёр масоили баҳсноки мавзӯи мавриди назар ҷавоби муносиб пайдо хоҳад кард. Зеро ба ҳама аҳли таҳқиқ маълум аст, ки дар масъалаи маҳорати эҷодӣ ва ҳунари шоирӣ дар байни шоирон ва аҳли мантиқ назарҳои гуногун вуҷуд дорад, ки пажӯҳиши онҳо барои кушодани баъзе гиреҳҳои ин матолиби мубоҳисавӣ мусоида карда бошанд. Муҳаққиқи ҷавон шояд ҳамин вазъро дар назар дошта, ба хулосае меояд, ки «Аҳамияти омӯзиши мавзуи мазкур зарурати пажуҳиши маҷмуии достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба миён овард, ки то ҳол роҷеъ ба ин масъала асари мукаммали ҷудогонае ба таҳқиқ нарасидааст. Барои ҳамин омӯзиш ва таҳлилу баррасии маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ дар достонсарой ва аз ин дидгоҳ муайян намудани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти форс-тоҷик дар асоси достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун» яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурии адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад, зеро ин ду достони «Хамса» баъди эҷод шудан на танҳо дар Шарқ шуҳрати хосса пайдо намуданд, балки, зиёда аз ин, дар раванди баъдинаи адабиёти халқҳои Шарқ низ бо пайдо кардани пайравони худ таъсири амиқ гузошта тавонистанд»(саҳ.3). Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯи мавриди пажӯҳиши муҳим ва саривақтӣ буда, он барои муайян намудани масъалаҳои муҳими улуми назарияи шеър ва адабиётшиносии тоҷик зарур ва саҳмгузор мебошад. Муҳаққиқ барои таҳқиқ ва собит намудани ин андешаи худ тамоми осори шоирро, ки аз ҳунару маҳорати суханварии Низомии Ганҷавӣ марбут аст, мавриди омӯзиш ва таҳхиси илмӣ қарор дода, онро ба дараҷаи рисолаи номзадӣ расонда, саҳми Низомии Ганҷавиро дар ташаккули

маҳорати суханварӣ хеле равшан ва амиқ нишон додааст. Бояд тазаккур дод, ки Низомии Ганҷавӣ дар таърихи адабиётшиносии форсии тоҷикӣ бо осори гаронбаҳои худ ба сифати поягузорони маҳорати достонсароӣ хеле бузург мебошад.

Муҳаққиқ дар асоси матни достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун” оид ба маҳорати суханварӣ ва муносибати ӯро ба маҳорати шоирӣ баррасӣ намуда, дар мавридҳои муносиб назари шоирро ба ҳунари шоирӣ ва суханварӣ бо усули муқоиса бо дигар муҳаққиқони шеър ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Яке аз масъалаҳое, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқро ба худ кашидааст, ин масъалаи баррасӣ ва муайян намудани андешаҳои Низомӣ оид ба сухану

суханварӣ, таҳлил ва арзѐбии каломи бадеъ аз диди Низомӣ, корбасти анвои қофия дар «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун», таҷдиди назар намудани пажӯҳишҳои низомишиносӣ ва дарѐфти масъалаҳои омӯхтанашудаи он, шинохти афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Низомӣ дар “Хамса”, таҳқиқи ҳунари шоирии Низомӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин»

ва «Лайлӣ ва Маҷнун», баррасии махсусиятҳои корбурди саноеи лафзӣ ва маънавӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун», натиҷагирӣ аз хулосаҳои таҳқиқот роҷеъ ба ҳунари шоирии Низомӣ дар достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»мебоошад. Муҳаққиқ дар ин масъала маводи зиёде аз осори шоир ҷамъоварӣ намуда, дар мавридҳои муносиб такя бар далелу санадҳои дар ихтиёр дошта, бо пешвоёни ин баҳс мубоҳисаи илмӣ менамояд, ки ин гувоҳ бар он аст, ки муҳаққиқи ҷавон метавонад, дар ҳар гуна ҳамоишу баҳсҳои илмӣ мустақилона аз мавқеи илмии худ дифоъ кунад.

Зикр кардан ба маврид аст,ки забон ва услуби ашъори Низомӣ ва вариантҳои баъзе аз абёти шоир аз таваҷҷуҳи Парвин Соқиева берун намондааст. Муҳаққиқ бо дарназардошти забон ва услуби достонҳои мавриди назар ва дигар асарҳои пажӯҳишӣ, ҳар як маводро аз лиҳози шеваи баён ва сабки нигориш таҳқиқ намуда, чунин меҳисобад, ки осори мубоҳисавии шоир доир ба маҳорати сухан ва суханварӣ ба хубӣ тавонистааст, “малоҳати лафзи арабиро ” бо “дақоиқи пухтаи порсӣ” чунон таҳмил диҳад, ки сухане нишонрас ва аз нигоҳи фасоҳату балоғат расо ва пухтаро ба хонандагон пешниҳод намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар адабиётшиносии муосир бори аввал маҳорати шоирии Низомиро дар шакли нигоштаи алоҳида таҳқиқ шуда,

рисола дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба назари шеърро аз ҷиҳати илмӣ пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта мебошад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар рисолаи мазкур вобаста ба дигаргуниҳои таърихию адабӣ баррасии ҳамаҷонибаи моҳияти иҷтимоию эстетикии адабиёт ба назар гирифта шудааст, ки ин ин гуна равиши таҳқиқ муҳаққиқи ҷавонро ба шинохти воқеии равандҳои илмию адабӣ дастёб намудааст. Муҳаққиқро лозим меомад, ки ҳар гуна дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабиро вобаста ба мавзӯи мавриди назар табақабандӣ намуда, онҳоро дар муайян намудани ҳудуди давраҳои инкишофи адабиётшиносиву нақди адабӣ ҳамчун меъёри асосӣ истифода менамуд. Бо вуҷуди ин муҳокима ва мушоҳидаҳо муҳаққиқро водор намудааст, ки тарзу усули ҳалли масоили мавриди таҳқиқро бо дарназардошти дастовардҳои тозаи афкори таърихию адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккули равандҳои адабӣ, аз ҷумла маводи назарӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин замина вижагиҳои хоси онҳоро муайян намудааст, ки инро яке аз дастовардҳои муҳими рисолаи мазкур метавон арзёбӣ намуд.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини рисолаи мазкур дар он аст, ки муҳаққиқ бори аввал дар заминаи маводди интиқодие, ки дар солҳои 70-90-уми садаи XX дар сарчашмаҳои пажӯҳишӣ дастрас гардидааст, масъалаҳои умумии шинохти Низомиро дар маҳорати сухан ва суханварӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба натоиҷи хеле назаррас дастёб гардидааст.

Муҳаққиқи рисола ба маводди ду достони Низомӣ маҳдуд шудааст ва ин равиши таҳқиқ давраи пажӯҳиширо аз замони қаблӣ ва даврони баъдии шинохти шоир ҷудо ва муҷаррад нишон додааст, ки ин маҳдудият баъзе норушаниҳоро дар шинохти равандҳои адабии шинохтиНизомии шоир оварда расонидааст.

Рисолаи илмии **Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзӯи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ”(дар мисоли достонҳои“Хусрав ва Ширин”) ва “Лайлӣ ва Маҷнун” ва** унвон дошта, он аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, онро аз рӯи маводди пажӯҳишӣ ва ҳалли амиқи масоили мавриди таҳқиқ тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобидан мумкин аст.

Муқаддимаи рисола тибқи муқаррароте, ки муайян шудааст, таҳия шуда, дар он аҳамият ва дараҷаи омӯзиши мавзӯи тадқиқотӣ, ҳадаф ва вазифаҳои рисола, аҳамияти илмию амалии тадқиқот, навоврӣ ва масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, хеле муҳим ва амиқ нишон дода шудааст.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам

дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи **Соқиева Парвина Зафаровна дар мавзӯи “Маҳорати шоирии Низомии Ганҷавӣ”(дар мисоли достонҳои “Хусрав ва Ширин” ва “Лайлӣ ва Маҷнун”)** ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии **аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиѐтшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиѐт, равобити адабӣ)**ҷавобгӯ мебошад.

**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмаҳмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои мудири кафедраи забони тоҷикӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Бухориев Н.А.**

**27.10.2022.**